Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки ҳамаи пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. Эмомалӣ Раҳмон

Мардум маодини зару симанд дар сиришт, Ҷӯёи ин хазоини пинҳон муаллим аст.

# Омӯзгори ҷавон

№4(1078)
31 декабри соли 2024

Оғози нашр
1 сентябри соли 1957

E-mail: omuzgori_javon@mail.ru

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# МАСЪАЛАҲОИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**«Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад». Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

Таҷрибаи таърихӣ борҳо собит намудааст, ки ягона омили наҷоти инсоният ва таҳкими давлат ин бешак маориф мебошад. Омӯзиши илму дониш ва парвариши он дар замири наслҳо боиси саодат ва комёбиҳои беназири инсоният шудааст. Тоҷикон дар ин радиф яке аз қадимтарин миллатҳое ба шумор мераванд, ки дар тӯли таърих ҳамвора таълиму тадрис ва илму дониш барояшон машғулияти ҳамешагӣ ба шумор мерафт. Аз ин сабаб, бо вуҷуди ҳамлаҳои зиёди аҷнабӣ ба сарзамини таърихии тоҷикон онҳо тавонистанд аз худ, ҳувияти худ ва ҳастии маънавии худ, дар ҳар қадам бо қаламу маърифати хеш дифоъ намуда бошанд.

Дар таҷрибаи таърихӣ кам нест ҳодисаҳое, ки бинобар сабаби беэътиноӣ ба ташаккули маърифату тафаккур қавму қабоили зиёде дар як ё ду ҳуҷуми бегонагон ва ҷорӣ шудани фарҳанги онҳо дар батни фарҳанги бегонагон ҳазм шудаю ҳамчун халқи алоҳида, нопадид шуданд.

Бо дарки зарурияти ҳамин, ҷои ифтихор аст, ки дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ чеҳраҳои номёни илму ирфони мо дар минтақа ва ҷаҳон ҳамеша пешоҳанги мафкураи маънавии ҷомеа буданд. Барои мисол, агар Зардушт дар бомдоди таърих бо афкори созандаи худ дар ҷаҳони маънавӣ инқилобе ба вуҷуд оварда бошад, пас Куруш бо хирад ва сиёсати давлатдории хеш дар аҳди қадим низоми ҷомеасолорӣ ва адолатгустариро роҳандозӣ намуд. Агар дудмони Сосониён бо бунёди академияи Гунди Шопур машҳури оламу одам шуда бошанд, пас аз ҳуҷуми ваҳшатноки араб пайравони шогирдони ин боргоҳи хирад дар акнофу атрофи олам, яъне ҳар ҷое, ки рафтанд чароғи илму ҳикматро рӯшан намуда, ба ин васила бори дигар собит карданд, ки эшон аз табори хуршеданду рисолаташон нур афканист. Чун меросбарони тамаддуни бузарг дар қалби асрҳои миёна ва дар айни авҷи тахрибкориҳои аҷнабиҳои тиҳӣ аз хиради воло чеҳраҳое чун Имоми Аъзам, ал-Хоразмӣ, Ҷобир ибни Ҳайён, Имом Бухорӣ, Ҳаким Майсарӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Берунӣ, Сино, Форобӣ, Низомулмулк, У. Хайём, Ҷ. Балхӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, А. Дониш, С. Айнӣ ва ҳазорҳо нафари дигар зуҳур кардаю бо корномаю эҷоди худ парчами машъалафрӯзи илму саводро ҳамчун фарзандони тоҷик ҳамеша боло бардоштанд.

Бо ҳамин мо тавонистем роҳҳои пурпечутоби хатарзои гузаштаро бо сарбаландӣ убур намудаю то ба имрӯз чун халқи соҳибтамаддун бирасем. Аз саҳифаҳои таърих маълум аст, ки дар ин кор нақши шахсиятҳо дар ҳар давраи таърихӣ бориз аст.



Аҳлиддин Ибодуллозода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар замони соҳибистиқлолӣ бе шакку шубҳа дар ин кор саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело назаррас аст. Дар замони соҳибистиқлолӣ миллати тоҷик бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати миллии худро бунёд намуда, дар ташаккули он пояҳои амиқ гузоштанд.

Бояд қайд намуд, ки бе шуури миллӣ худшиносии миллӣ шакл намегирад ва бе тарбияи миллӣ мо наметавонем худшиносии миллиро сайқал бубахшем. Аммо тарбияи миллӣ низ дар заминаи маорифи миллӣ ба вуҷуд омада, таҳкурсии давлати миллиро таҳким мебахшад. Вобаста ба ин масъла чанд сол қабл Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ чунин гуфта буданд: «Илму маориф аз самтҳои хеле муҳими сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад».

Давомаш дар с.2

## ДАР ИН ШУМОРА:




ҶАЛАСАИ ВАСЕИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ 3



БА РОҲ МОНДАНИ ҲАМКОРИҲО БО ДОНИШГОҲИ ШАҲРИ ПУАТЙЕИ ФАРОНСА 8



ИШҒОЛИ ҶОЙИ 1-УМ ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ» 9



ПАЁМ ВА ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 15-16

*Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.*

## ТАВАҶҶУҲ

# МАСЪАЛАҲОИ МАКТАБУ МАОРИФ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Бо дарки моҳияти ҳамин масъала, ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар сиёсати дохилию хориҷии худ қарор дода буданд. Зери ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи махсуси Сарвари давлат мо дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ шоҳиди он шудем, ки соҳаи маориф дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ сол ба сол рушд карда, вазъи соҳа дар қиёс ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бамаротиб афзудааст. Ин нуктаро худи Роҳбари давлат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ ҳам қайд намуданд. Аз рӯи нишондодҳои Паём дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Президенти мамлакат барои муқоиса қайд намуданд, ки «Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсею гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд. Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад». Зикри ин нукта ба маврид аст, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аксари бинои мактабҳое, ки аз замони Шуравӣ боқӣ монда буданд тахриб шуда, дар ҷои он ба таври пурра биноҳои аз ҷиҳати меъморӣ зебо ва ба замони муосир ҷавобгӯй сохта ба истифода дода шуданд. Яъне, ин маънои онро дорад, ки аз 4037 муассисае, ки ҳоло амал мекунанд 3670 адади он таи солҳои соҳибистиқлолӣ аз сифр сохта шудааст.

Доир ба теъдоди муассисаҳои олии касбӣ Сарвари кишвар чунин гуфтанд: «Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард. Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст». Аз ин маълум мешавад, ки дар 70 соли Шуравӣ агар 13 муассисаи олӣ ташкил ёфта бошад, пас дар замони 33 соли соҳибистиқлолӣ 35 муассисаи олӣ таъсис ёфтааст. Ба ғайр аз ин, айни замон дар кишвар 65 литсейи касбҳои техникӣ, яъне муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо 23500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо бо 12000 хонанда, инчунин 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ – коллеҷҳо бо 106000 донишҷӯ фаъолият доранд.

Дар баробари ин, бо туфайли сиёсати дарҳои боз ва бо шарофати истиқлолу ваҳдати миллӣ ва талошҳои пайвастаи Пешвои миллат ҷавонони тоҷик имкон пайдо намуданд, ки дар дилхоҳ кишвари ҷаҳон аз рӯи ихтисосҳои мақбули дил рафта, таҳсил намоянд. Тавре дар Паём зикр шуд: «... дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд».

Албатта, ин дастоварди хело бузург ба шумор меравад. Шаҳрвандони огоҳи мо хуб дар ёд доранд, ки замоне буд, ки ҷавонони мо дар дохили мамлакат имкони пурраи таҳсилро надоштанд. Махсусан, ҷавондухтарон бинобар сабаби набудани ваҳдат ва сулҳу амният наметавонистанд, ҳатто дар муассисаи таълимии маҳали худ таҳсил кунанд. Аммо шароити имрӯза имкон медиҳад, ки масалан як ҷавондухтари тоҷик ба дилхоҳ муассисаи таълимии дохил ва ё хориҷи ҷумҳурӣ рафта таҳсил кунад ва соҳиби ихтисосу касби дилхоҳи хеш гардад.

Дар Паём ҳамзамон Президенти мамлакат доир ба нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 5 соли оянда баҳри рушди соҳа изҳори назар намуда қайд намуданд, ки бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур дода шуд, ки дар панҷ соли оянда, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман барои бунёд кардани як муассисаи томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Агар мо аз рӯи мантиқу хирад ва холисона рақамҳо, андешаҳо ва нақшаҳои дурнамои дар боло овардашударо муқоиса ва таҳлил кунем ба хулосаи мусбӣ расида, аҳамият ва зарурияти давлати миллӣ ва хидматҳои Пешвои миллат бароямон чун оина рӯшан мешавад.

Дар Паёми навбатӣ, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам ба яке аз масъалаҳои асоситарини соҳаи маориф – баланд бардоштани сифати таҳсилот ишора намуданд. Барои беҳдошти масъалаи мазкур ба масъулин супоришҳои дахлдор дода иҷрои саривақтӣ ва босифати онро ҷонибдорӣ намуданд.

**Воқеан, бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи соҳа ва рушди илму технологияи ҷаҳони нав зарурият пеш омадааст, ки ба сифати таҳсилот беш аз пеш диққат намоем. Зеро маҳз сифати таълиму тарбия ҷавҳари асоси маорифро ташкил намуда, омили рушди давлат ва саодати зиндагии мардум мешавад. Аз он, ки Роҳбари давлат гуфтанд: «...сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад» маънои онро дорад, ки акнун замоне фаро расидааст, ки мо тафаккуру андешаи солими ҷомеаро таҳкиму тақвият бубахшем. Ҷомеае, ки бо ақлу иродаи воло лоақал тавонат барои худ зиндагии шоистаеро эҷод кунад. Барои расидан ба чунин мақсад албатта, маориф ва сифати таҳсилоти сайқалёфта нақши асосӣ гузошта метавонад. Агар ба сифати таҳсилот беэътиноӣ зоҳир шавад, маориф хароб шуда, миллат мубталои ҷаҳлу бесаводӣ мешавад, ки оқибатҳои маргборро ба бор меоварад. Доир ба ин масъала, дар Паём Пешвои миллат сароҳатан гуфтанд, ки «...сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад».**

Зимни суханронии худ Пешвои миллат бахшида ба Рӯзи Дониш (1 сентябри соли 2024) ба ҳамин масъалаи мавриди назари мо таваҷҷуҳ намуда, чунин қайд намуда буданд: «Барои расидан ба ҳадафи беҳтар намудани сифати таҳсилот, дар навбати аввал, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи меъёр, инчунин, таъминот бо имкониятҳои таълимиву методӣ, аз ҷумла таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ зарур аст».

Тавре ишора гардид, дар баробари дигар омилҳо дар самти баланд бардоштани сифати таълим нақши омӯзгор калидӣ ба шумор меравад. Дуруст аст, ки як соата дарси хуб мазмуни як китоби беҳтаринро медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзгори хуб ва донишманд дар бунёди ҷомеаи мутамаддин нақши асосӣ дорад. Аз он, ки Сарвари кишвар мегӯянд: «Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад» ҳамин маъноро ифода мекунад.

Бо назардошти ин, имрӯз моро зарур аст, ки пеш аз ҳама савияи дониши ихтисосии омӯзгоронро баланд бардошта, дар натиҷаи гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос дараҷаи қобилият ва малакаҳои касбии эшон тақвият ёбад. Омӯзгори муосир бояд дар баробари соҳиби дониши баланди соҳавӣ будан, инчунин бояд дорои қобилият ва малакаҳои баланди омӯзгорӣ бошад. Аз технологияи пешрафтаи соҳа низ огоҳ ва афкору андешаи миллию ватандӯстона дошта бошад. Маҳз чунин омӯзгор метавонад насли наврас ва ҷавононро аз паи худ бубарад. Агар омӯзгор дар ҷомеа бо чунин сифатҳо мавқеъ пайдо карда натавонист, пас мақоми кадом як руҳонии ифротӣ боло гирифта, хурофоту бегонапарастӣ ва беэҳтиромӣ нисбати арзишҳои миллӣ дар ҷомеа паҳн мешавад.

Дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза, ки низоъҳои миллию қавмӣ ва динию мазҳабӣ бо ҳам омехта, қаламрави давлатҳои алоҳидаро ба майдонҳои набард табдил дода истодаанд, аҳамият ва ҷойгоҳи маорифи пешрафта боз ҳам бештар эҳсос мегардад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар рафти бозиҳои пасипардагии абарқудратҳо ва доираҳои алоҳидаи манфиатдор афроде чун бозичаи даст мавриди истифода қарор мегиранд, ки аз лиҳози дониш ва илм ноқис ҳастанд. Истифода аз боварҳои динӣ намуда, чунин қувваҳо мехоҳанд ҳадафҳои геопалитикии хешро амалӣ созанд. Аммо мутаассифона, нафароне ҳастанд, махсусан аз ҳисоби ҷавонон аз сабаби нодонию ҷоҳилӣ фирефтаи гуфтаҳои онҳо шуда, амалҳоеро анҷом медиҳанд, ки шоистаи як инсони мусалмон нест. Ҷои афсӯс аст, ки таи даҳсолаи охир бархе аз ҷавонони тоҷик низ ба чунин гурӯҳҳои тафритию экстремистӣ пайваст шуда, барои худ бадбахтиҳои зиёдеро чун армуғон мегиранд. Дар ин робита, танҳо ҳаминро такроран таъкид менамоем, ки ягона омили наҷоти чунин гумроҳон боз ҳам маорифи пешрафта мебошад.

Аз ин рӯ, тарбияи миллӣ ва рушди маорифи миллӣ миллатро аз ҳама бадбахтиҳо наҷот мебахшад. Тавре Сарвари кишвар гуфтанд: «...то вақте, ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд».

Роҳбари давлат зимни ироаи Паём ҳамзамон таъкид намуданд, ки дар баробари ин, нооромиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем.

Ин таъкид мо маорифчиёнро водор ба он мекунад, ки боз ҳам барои пешрафти соҳа чораҷӯӣ намуда, нақша ва барномаҳои навро пиёда намоем.

**Дар фарҷом бояд қайд намоям, ки тамоми ҳадафҳои дар назди давлат ва ҷомеа гузошташуда, маҳз ба туфайли рушди соҳаи маориф амалӣ шуда, самараи дилхоҳ медиҳад. Масалан, чор ҳадафи стратегии давлат, ки расидан ба онҳо Тоҷикистонро ба як давлати пешрафтаи ҷаҳон табдил медиҳад тақозо мекунад, ки дар соҳаҳои мухталиф бояд мутахассиси варзида ва кордон фаъолият кунад. Эълон шудани солҳои 2024-2026 "Солҳои рушди саноат", солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва билохира эълони солҳои 2025-2030 "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" ва тадбиқи босамари он низ аслан ба сифати таҳсилот ва рушди маориф алоқаманд аст. Яъне, масъулияти аҳли маориф беш аз ҳарвақта дида бештар шуда, рисолати бузурги созандагӣ, бунёдкорию рӯшангарӣ ва ояндаи дурахшони миллат ба дӯши онҳо мебошад.**

ҶАЛАСА

**Рӯзи 10.12.2024 бо иштироки ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода, муовинони ректор, деканҳои факултет, сардорони раёсату шуъба, мудирони бахш, муовинони декан, мудирони кафедра, коргузорон, омӯзгорон, кормандони тамоми сохторҳо, магистрон ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) ҷаласаи истеҳсолотӣ баргузор гардид.**

# ҶАЛАСАИ ВАСЕИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ



Дар ҷаласа тамоми дастоварду комёбиҳо ва камбудиву норасоиҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолияти донишгоҳ аз ҷумла дар самти илм, таълим ва тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ректори донишгоҳ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим, дар руҳияи хештаншиносиву ватандӯстӣ ва илмомӯзӣ тарбия намудани донишҷӯён, тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Намояндаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни баромади хеш баён намуданд, ки баҳри пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои манъ кардашуда, ба монанди гуруҳҳои террористиву экстремистӣ мо аҳли ҷомеаро мебояд саъю талоши бештар намоем. Зеро ингуна гуруҳҳои мамнуъ ба истиқлоли давлатӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва арзишҳои фарҳангиву маънавии ин миллату сарзамин хатар доранд.

СИФАТИ ТАЪЛИМ

# НАЗОРАТИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ОМИЛИ БЕҲТАР ГАРДИДАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ МЕБОШАД!

**Айнуллозода Наҳтулло муовини аввали ректор оид ба корҳои таълимӣ имрӯз 9-уми декабри соли 2024 бо иштироки кормандони Раёсати таълим ва шуъбаи идоракунии сифати таълим ҷаласаи корӣ баргузор намуд.**



Дар ҷаласаи назоратӣ Н.Айнуллозода як қатор масъалаҳоро аз ҷумла риояи интизоми меҳнат, назорати баргузории дарсҳо аз ҷониби омӯзгорон, назорати баргузории соатҳои тарбиявӣ, кураторӣ, таҳлили дарсҳои омӯзгорон тариқи камераҳои назоратӣ ва ивази дарсҳои бемавридро мавриди баррасӣ қарор дод.

# ҶАЛАСАИ ҚИСМИ ИЛМ: ЭРОДҲОИ РЕКТОР САРИВАҚТ БАРТАРАФ МЕГАРДАНД

**Рӯзи 23.12.2024 зери роҳбарии муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Сангинзод Дониёр ҷаласаи навбатии қисми илми донишгоҳ баргузор гардид. Дар ҷаласа сардорони раёсату шуъбаҳо ва кормадони қисми илм ва муовинони деканҳо оид ба илми донишгоҳ иштирок намуданд.**



Дар кори ҷаласа фаъолияти муовинони деканҳо оид ба илм, навиштани мақолаҳою лоиҳаҳои илмӣ, аз антиплагиат гузаронидани мақолаҳои илмӣ, корҳои курсӣ ва корҳои дипломӣ, саривақт дар саҳифаи расмии донишгоҳ дар шабакаи иҷтимоии фейсбук гузоштани дарсҳои видеоии омӯзгорон ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои илмӣ Сангинзод Дониёр ба масъулин дастур дода шуд, то эродҳои аз ҷониби ректор дар самти илм гирифташуда, дар мӯҳлати кутоҳтарин бартараф карда шаванд.

СУҲБАТ

# ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН: ДАР ОИЛА АЗ БОЛОИ НАСЛИ ҶАВОН КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ВА НАЗОРАТИРО ҶОННОК КАРДАН ЛОЗИМ АСТ!



**Дар қабули шаҳрвандон, ки рӯзи 03.12.2024 баргузор гардид, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо падару модарон ва наздикони донишҷӯёне, ки мунтазам дарсшиканӣ карда, тартиботи дохилидонишгоҳиро риоя намекунанд либоси тавсиявии донишҷӯиро намепӯшанд, суҳбат намуд.**

Аз волидайн даъват ба амал оварда шуд, ки нисбат ба тарбия, таълим ва тақдири минбаъдаи фарзандони хеш бетараф набошанд ва дар баробари омӯзгорон онҳо низ аз болои насли ҷавон дар оила корҳои тарбиявӣ ва назоратиро ҷоннок намоянд.

Сипас чун анъана қабули шаҳрвандону донишҷӯён ба роҳ монда шуда, ба аризаҳои муроҷиаткунандагон дар доираи қонуну санадҳои танзимкунандаи соҳа посух дода шуд. Аз ҷумла, донишҷӯёне, ки ғазалҳои пешниҳодгардидаро азёд карда буданд, 50%-и шартномаи онҳо кам карда шуд.

БАХШИДА БА 30-УМИН СОЛГАРДИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ҲИЗБИ НЕРӮ, ҲИЗБИ АРМОНУ НАВОВАР

**Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ буда, мутобиқи моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои ҳар як инсон шароити арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меоварад.**

Барои дар амал татбиқ намудани ин муқаррароти конститутсионӣ, инчунин таҳкими иқтисодиёти устувор, ки баҳри беҳбудии ҷомеа нигаронида шудааст, 10 декабри соли 1994 Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Анҷумани муассисони Ҳизби Халқии Тоҷикистон таъсис дода шуда, дар вазорати адлияи ҷумҳурӣ 15 декабри соли 1994 таҳти №199 сабти ном шудааст. Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардиданд. Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани IV санаи 18 апрели соли 1998 сухан ронда, такид намуда буданд, ки: «таърих гувоҳ аст, сиёсатмадороне, ки мехоҳанд дар кишвари худ ислоҳоти куллӣ гузаронанд, бояд қабл аз татбиқи барномаи стратегии худ ҳамсафон ва ҳаммаслақони худро ёбанд».

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар давоми 30 сол дар фаъолияти худ бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ба фазилатҳои баланди сиёсӣ, сифатҳои наҷиби ахлоқӣ ва маърифати пурсамари маънавии аъзояш такя намуда, кӯшишу ғайрат ва донишу идроки онҳоро барои мустаҳкам намудани истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар намуда истодааст. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба хиради олии сиёсӣ, сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ ва маънавиёти баланди аъзои худ такя намуда, донишу маҳорати онҳоро ба амалӣ гардонидани ғояҳои сиёсӣ ва ҳадафҳои барномавии хеш сафарбар намуд. Ҳамчунин ба таҳкими истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат мусоидат кард.

Зимни суханронии худ санаи 30 ноябри соли 2022 Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии сокинони Тоҷикистон нақши муассир дошта, дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум нақши сазовор мегузорад. Вазифаҳои асосии ҳизби мо дар марҳалаи нави рушди ҷомеа ва давлат дар барномаҳои пешазинтихоботии он, қарорҳои анҷуманҳои сездаҳум ва чордаҳум, ки самтҳои муҳимтарини рушди мамлакатро то соли 2027 дар бар мегиранд, мушаххас гардидаанд. Ба таъкиди Раиси ҳизб, рисолат ва мазмуну моҳияти барномаҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон рушди устувори Тоҷикистони соҳибистиқлол, ободу пешрафта ва аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ босуботи мебошад. Ишора шуд, ки кумитаҳои иҷроияи ҳизб якҷо бо сохторҳои ваколатдори соҳаҳои гуногун ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва зина ба зина беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро дар маркази диққат қарор медиҳанд, дар таъсиси инфрасохтори иҷтимоӣ, беҳсозии вазъи муассисаҳои таълимӣ, беҳтар гардонидани шароити оилаҳои серфарзанд, ҷудо намудани кумакҳои иловагӣ ба ятимону маъюбон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа мусоидат менамоянд.

Мутобиқи Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (Самтҳои муҳимтарини рушди мамлакат дар солҳои 2020-2025) Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зери шиори «Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!» садоқати худро ба арзишҳои умумимиллии соҳибихтиёрӣ, демократия, бобаробарҳуқуқӣ ва ошкоробаёнӣ изҳор карда, барои пешрафти ҳамаҷонибаи Тоҷикистон тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ намуда истодааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо назардошти рушду пешрафти минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияву созмонҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияташон дар доираи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ҳамкорӣ мекунад.

Фаъолияти ташкилию таблиғотиашро Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои зерини демократӣ ба амал мебарорад:



Сангинзод Дониёр Шомаҳмад, муовини Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

-умумияти ғоявӣ, рафоқати ҳизбӣ, ягонагии манфиату ҳадафҳои ҳизб, баробарии ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи аъзоёни ҳизб, интизоми бошуурона;

-эҳтиром ба нуқтаи назари ҳар як аъзои ҳизб, худидоракунии ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, ошкорою шаффоф будани фаъолияти ҳизбии сиёсӣ;

-интихобӣ будани ҳамаи вазифаҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ аз поён то боло;

-ҳамеша ҳисоботдиҳанда будани мақомоти ҳизбӣ;

-интизоми қатъии ҳизбӣ ва ҳатмӣ будани қарорҳои мақомоти болоии ҳизбӣ барои мақомоти поёнӣ;

-роҳбарии дастҷамъона ба ҳамаи мақомоти ҳизбӣ, масъулияти шахсии ҳар аъзои ҳизб барои иҷрои вазифаҳою супоришҳои ҳизбӣ.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо дастгирии мардуми шарифи кишвар ва таҳти сарварии хирадмандонаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба татбиқи ин ҳадафҳои барномавӣ ноил гардида, кишвар ва мардуми шарафманди Тоҷикистонро ба сӯи арзишмандтарин хостаҳои миллӣ зери шиори «Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!», аз ҷумла рушду таҳаввули иқтисодиёт, татбиқи чор ҳадафи тақдирсози стратегии давлат – истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонӣ, ки ниҳояти он расидан ба зиндагии шоиста мебошад, раҳнамоӣ мекунад.

Ҳар як узви ҳизб барои татбиқи вазифаҳои стратегии давлату Ҳукумат, такмил додани низоми қонунгузорӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ, вусъат додани ғояҳои созандаи ватандӯстона ва тақвияти бахшидани худшиносӣ ва худогоҳӣ бо роҳнамоии Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми босазои худро мегузоранд.

Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо такид менамоянд, ки узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон будан ҳам ифтихору шараф ва ҳам масъулияти бузург дар назди халқу Ватан ва сарнавишти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистони соҳибистиқлоли мост.

Аз ин рӯ, вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдонии мо аъзоёни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аст, ки масъалаи ҳифзи давлату давлатдорӣ, таъмини амнияти кишвар ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеаро бартару болотар аз ҳама арзишҳо гузошта, афкори сиёсии ҳизбро дастгирӣ намоянд ва муҳимтар аз ҳама, барои бунёди давлати демократӣ, муқтадир, тавоно ва шукуфони Тоҷикистони маҳбуб ҳиссагузор бошем.

**Ҳизби Сарвар, ҳизби халқи Тоҷикистон,**
**Раҳбараш Пешвои миллат - Оли Раҳмон.**
**Дар ҳаёти иҷтимову иқтисоду ҳам сиёсат,**
**Нақши боризу саодат баҳри инсон.**
**Бо ҳидоятҳои раҳбар аҳли кишвар,**
**Мекушояд роҳи иқболро саросар.**
**Ҳизби нерӯ, ҳизби армону навовар,**
**Бо дуои Сарвари мо тахти бовар.**
**Ин ки моро Оли Раҳмон Пешвоӣ мекунад,**
**Ҳизби моро то Сурайё раҳнамоӣ мекунад.**
**Сулҳу оромӣ, суботу ваҳдати мо пойдор,**
**Қисмати моро ҳамеша ибтикори созгор.**
**Ифтихори Дониёр оромиши ҳизбу Ватан,**
**Дур бодо душманӣ аз эътибори анҷуман!**

ҲАМОИШ

# ҲАМОИШИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ТАЪСИСЁБИИ ҲХДТ

**Бо ташаббуси ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии “Бонувон”-и Раёсати кор бо занон ва оила ва “Ҷавонон”-и Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе рӯзи 06.12.2024 дар толори бузурги Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зери унвони “30 соли созандагӣ бо Пешвои муаззами миллат” ҳамоиши тантанавӣ доир гардид.**



Дар ҳамоиш узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар, Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳриДушанбе Мирзозода Иброҳим ва муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Сангинзод Дониёр иштирок ва суханронӣ намуданд.

Меҳмонон нахуст аз Осорхонаи донишгоҳ дидан намуда, бо мероси ниёгони тоҷикон ва фаъолияти назарраси нахустмактаби олии кишвар шинос гардиданд.

Дар ин замина аз намоише, ки муаррифгари 30 соли фаъолияти ҲХДТ буд, дидан намуданд.

Ҳамчунин дар ин чорабинӣ муовинони ректори донишгоху донишкадаҳои олии пойтахт, вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, мудирони шуъбаву бахшҳо ва раёсатҳои Дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе, сардорони раёсатҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, намояндагони Кумитаҳои иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, мудирони шуъбаву бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияҳои пойтахт, сарбозон, устодону донишҷӯён ва дигар шахсони даъватшуда иштирок намуданд.

Ҳамоиши мутантан бо садо додани Суруди миллӣ ба кори худ ҳусни оғоз бахшид.

Мақсад аз баргузории ҳамоиш муаррифӣ ва нақши муассири бунёдкорона ва созандаи Пешвои муаззами миллат дар таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, тарғиби ғояҳои созандаи ҳизби мардумӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон мебошад.

Зеро, ин ҳизб барои пешрафти устувору бомароми кишвар талош намуда истодааст ва ҳадафи он муҳайё кардани сатҳу сифати арзандаи зиндагии аҳолӣ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати рушди неруи инсонӣ ва эҳтиром гузоштан ба шаъну шарафи ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад.

Дар қисмати фарҳангии ҳамоиш баҳри болидахотирии иштирокчиён барномаи фарҳангӣ иборат аз суруду таронаҳои дилнишин манзури ҳозирин гардонида шуд.

ҲАМОИШ

# ҲАМОИШИ ҶАМЪБАСТИИ СИЁСӢ-ФАРҲАНГИИ ҶАВОНОНИ ДОНИШГОҲ ДАР СОЛИ 2024 ТАҲТИ УНВОНИ “ПЕШВОИ МИЛЛАТ – РАМЗИ ИТТИҲОДУ САРҶАМЪИИ ҶАВОНОН”

**11-уми декабри соли равон бо дастуру супоришҳои роҳбарияти донишгоҳ дар партави сиёсати хирадмандона ва ҷавонпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори бинои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамоиши ҷамъбастии сиёсӣ-фарҳангии ҷавонони донишгоҳ дар соли 2024 таҳти унвони “Пешвои миллат – рамзи иттиҳоду сарҷамъии ҷавонон” доир гардид.**



Дар ҳамоиши мазкур Дилошӯб Розиқзода сардори Раёсати рушди иҷтимоии ҷавонони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гулзод Махкамбой муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, Нигора Назарзода, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, Давлатшо Каримзода, мудири Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ, роҳбарони воҳидҳои сохторҳои қисми тарбия ва муовинони декан оид ба корҳои тарбиявии факултетҳо, ғолибони озмунҳо ва ҷавонони донишгоҳ ширкат намуданд.

Сараввал Нигора Назарзода, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ҳамоишро ифтитоҳ намуда, аз номи Раёсати донишгоҳ меҳмононро ба ин даргоҳи илму маърифат хайру мақдам гуфта, қайд намуданд, ки ҳамагӣ огаҳӣ дорем дар моҳи ноябр дар ҳошияи чандин ҷашнҳои бузурги давлатӣ қарор доштем ва бо дастуру супоришҳои Ректори Донишгоҳ муҳтарам Аҳлиддин Ибодуллозода аз ҷониби Шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ дар байни ҷавонон озмуну мусобиқаҳо аз ҷумла бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Иҷлосияи 16 уми Шурои Олӣ ва Рӯзи Парчами давлатии Тоҷикистон дар байни дастаҳои ҷавонони факултетҳо озмуни викторинаи ҳозирҷавобӣ, озмуни мақолаи беҳтарин ва мусобиқаи варзишӣ аз рӯи намуди Волейбол ташкил ва баргузор гардид.

Сипас Дилошӯб Розиқзода сардори Раёсати рушди иҷтимоии ҷавонони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарияти Донишгоҳ барои ҳамкориҳои пайваста дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дастгирии ҳамаҷониба онҳо изҳори сипос баён намуда, иброз доштанд, ки боиси ифтихору сарбаландии мо насли ҷавони кишвар аст, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ватани азизу маҳбубамон Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини роҳбарии давлатро бар зиммаи худ гирифтан пайваста ба нерӯи тавоною бузурги ҷавонон такя намуда, ҳамеша дастгиру мададгор ва ғамхору роҳнамои ин насли ояндасози миллат мебошанд. Дар идомаи ташаббусҳои ҷавонпарваронаю ҷавондӯстонаи худ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олӣ ва сокинони кишвар пайваста иброз менамоянд, ки дастгириҳои мо нисбат ба насли ҷавон доимӣ мебошад, ки ин ифтихори ҳамешагии мо ҷавонон мебошад.

Баъдан Гулзод Махкамбой муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе дар суханронии хеш иброз доштанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҷавонон таваҷҷуҳи зиёд доранд. Пешвои миллат нисбат ба мо ҷавонон аз рӯзҳои аввал эҳтироми зиёд доштанд ва то ҳанӯз пешниҳодҳои ҷавононро дастгирӣ менамоянд.

Дар ҳамоиши ҷаъбастии ҷавонони донишгоҳ дар соли 2024 дар вазъияти тантанавӣ ғолибони озмунҳои илмӣ-оммавӣ, варзишӣ-солимгардонӣ, викторинаи ҳозирҷавобон, раисони созмони ҷавонон ва ҷавонони фаъол бо диплом, ифтихорнома, сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравии Раёсати Донишгоҳ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва Иттифоқи касабаи донишҷӯёни донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Дар фарҷоми ҳамоиш баҳри болидарӯҳии меҳмонон ва ҳозирин аз тарафи ҷавонони боистеъдоди факултетҳо барномаи фарҳангӣ саршор аз сурудҳои ватандӯстона ва рангину дилнишини ва рақсҳои ҷаззоб пешниҳоди ҳозирин гардонида шуд, ки ба қалбҳои иштироқдорон шодиву фараҳ бахшид.

*Муаллим кист, инсони сухандон,*
*Зи ӯ ояндаи миллат дурахшон.*

ҲАМОИШИ ИЛМӢ

# «ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СОҲАИ МАОРИФ ВА БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДИЁТ»

**Рӯзи 12-уми декабри соли 2024 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ бахшида ба 30-солагии таҳсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва 52-солагии фаъолияти илмӣ-омӯзгории д.и.и., профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит Шарифов Зариф Раҳмонович дар мавзуи «Ислоҳоти низоми идоракунии соҳаи маориф ва баҳисобгирии муҳосибии он дар шароити муносибатҳои нави иқтисодиёт» конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ баргузор гардид.**




Дар конференсия нахуст сухани ифтитоҳии ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода аз ҷониби муовини якум, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ Айнулозода Наҳтулло садо дод, ки дар он аз ҷумла омадааст: “Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи иқтисодиёти маорифро яке аз соҳаҳои афзалиятноки худ қарор додааст, ки он барои таъмини устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад... дар ин самт саҳми Шарифов Зариф Раҳмонович дар тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб барои муассисаҳои таълимии кишвар назаррас аст, зеро таҳти роҳбарии ин шахсият зиёда аз 15 нафар рисолаи номзадии худро дифо кардааст”.

Сипас доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдулхайр Қурбонов дар мавзуи “Рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ”, Ғафорзода Ҷонона Ғафор номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент дар мавзуи “Нигоҳе ба фаъолияти илмӣ ва омӯзгории устод Шарифов Зариф Раҳмонович”, Азизов Шоазиз Самиевич номзади илмҳои иқтисодӣ, профессор дар мавзуи “Нақши профессор Шарифов Зариф Раҳмонович дар тарбияи кадрҳои муҳосибӣ дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ” баромадҳои пурмуҳтаво намуданд.

Дар охир ҳамкорон, шогирдон ва наздикону пайвандон таманниёту орзуҳои неки худро ба устод Шарифов Зариф Раҳмонович баён намуданд.

Идомаи конференсия дар бахшҳо нимаи дуюми ҳамин рӯз дар факултети иқтисод ва идора баргузор гардид.

КОНФЕРЕНСИЯ

## "ПРОБЛЕМАҲОИ МУБРАМИ ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ"

**Рӯзи 7-уми декабри соли ҷорӣ бо ташаббуси факултети филологияи тоҷик дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Проблемаҳои мубрами омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол" ба ифтихори 70-солагии муҳаққиқи маъруфи адабиёти тоҷик, профессор Казокова Умринисо баргузор карда шуд.**



Дар кори конференсия муҳаққиқону адабиётшиносон ва ҳамкурсону донишҷӯёну шогирдони ин шахсият ширкат намуданд. Конференсияи мазкурро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети филологияи тоҷик Худойдодзода Фаррух оғоз намуда, муовини ректор оид ба корҳои илмӣ профессор Сангинзод Дониёр паёми ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозодаро ба саҳми иштирокдорон расонид.

Дар ин паём аз ҷумла омадааст, ки “дар даврони истиқлол дар кишвари мо фазои комилан дигари маънавию фарҳангӣ ва илмию адабӣ ба вуҷуд омад, ки меъмори асосии он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад ... Яке аз шогирдон ва парвардагони ин мактаби беназири миллии тоҷикон дар замони муосир Умринисо Казакова мебошад”.

Дар идома дигар муҳаққиқону адабиётшиносон ва иштирокчиён: профессор Кучарзода Аъламхон, ходими пешбари илмии Маркази мероси хаттии АМИТ Ализода Саидхӯҷа дар мавзуи "Мавқеи баёз ва ҷунги ашъор дар таҳқиқи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ" ва Худойдодов Аъзам маърӯзаҳои хешро пешниҳоди ҳозирин намуданд.

Воқеан донишгоҳи омӯзгорӣ аз рӯзи таъсис то имрӯз дар тарбияи насли ҷавон нақши муассир гузоштааст ва то ҳол ин амал идома дорад.

Умринисо Казакова, ки таҳсилгирифта ва омӯзгори ин даргоҳ мебошад то имрӯз шогирдони зиёдеро дар руҳияи дӯст доштани Ватан, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ тарбия намудааст.

Дар идомаи конфронс муаррифии китоби "Достони Ҷамшед ва Хуршед"-и Салмони Соваҷӣ дар суханронии профессор Казокова Умринисо сурат гирифт ва бо ҳамин ба конференсия ҳусни анҷом бахшида шуд.

## «РОҲҲОИ ТАКМИЛИ КОРҲОИ ИСЛОҲНАМОӢ БО КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТИ МАҲДУДДОШТА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ»

**Зери чунин унвон бо ташаббуси кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ конференсияи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.**



Дар кори конференсия сардори раёсати илм ва инноватсия Абдуҷалилзода Фарзона суханронӣ намуда, аз ҷумла зикр кард, ки масъалаи таҳсилоти фарогир ва ё мушкилоти кӯдакони имкониятошон маҳдуд яке аз масъалаҳои мубрам на танҳо дар Тоҷикистон, балки соири давлатҳои ҷаҳон мебошад. Атрофи ин масъала дар ҳар як давлат, то андозае кор бурда мешавад, вале ҳанӯз дар якҷоягӣ ба пояи ниҳоӣ нарасидааст. Мушкилиҳо ҳоло дар соҳаи таълиму тарбияи томактабӣ, ки имрӯз 10 фоизи кӯдакони синни томактабӣ ба ин зинаи таҳсилот фаро гирифта шудаанд, зиёданд. Сарфи назар аз ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз тамоми воситаву имконият барои фаро гирифтани шумораи ҳар чӣ бештари кӯдакон ба чунин муассисаҳо мунтазам чораҷӯӣ ва таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Сипас тавассути гузориши видеоӣ дастовардҳо ва ҳамкориҳои кафедраи мазкур бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта пешниҳоди иштирокчиён гардонида шуд.

Маърӯзакунандагон Маҷидова Б. – профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир дар мавзуи “Хусусиятҳои шахсияти кӯдакони ақланақибмондаи томактабӣ ва ба таълим фарогирии онҳо”, Саидов Н. – н.и.п., декани факултети психология дар мавзуи “Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”, Қувватов С. – раиси Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоён дар мавзуи “Забони имову ишора – аҳамият ва хусусиятҳои он дар рушди ҷомеа”, Шодмонов Ш. – унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавзуи “Таълими кӯдакони сустшунав: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он” баромад намуданд.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таълиму тарбияи кӯдакони ниёзманд ба таҳсилоти махсус таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи маълумоти омори солонаи Раёсати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи оила ва кӯдак ба аксари чунин кӯдакон кӯмак расонида шуда, барои ҷалби онҳо ба раванди таълим шароит фароҳам оварда шудааст.

# АЗ ПАЁМ ТО ПАЁМ: ЧАНДЕ АЗ ДАСТОВАРДҲОИ ДОНИШГОҲ ДАР САМТИ ИЛМ

**Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки рӯзи 28.12.2023 ироа гардид, зикр шуд, ки “рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босубот давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад”.**

Дар ин замина Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ зери роҳбарии ректор мӯҳтарам Аҳлиддин Ибодуллозода ҷиҳати иҷрои сариваќтӣ ва босифати дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои фаъолияти донишгоҳ корҳоро ҷоннок ва босифат ба роҳ монда, дар зарфи як соли сипаришуда ба комёбиҳои назаррас ноил гардид.

Дастовардҳои донишгоҳ дар тӯли соли ҷорӣ марбут ба самти илм, таълим, тарбия ва робитаҳои байналмилалӣ буда, дар мақолаи мазкур чанде аз дастовардҳои самти илми нахустмактаби олии кишвар дарҷ карда мешаванд:

1. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ, ки моҳи майи соли ҷорӣ бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони “Хирад моро ба дониш раҳнамун аст...” ва иштироки 400 нафар донишҷӯ аз 42 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар баргузор гардид, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар бахши фанҳои табиатшиносию риёзӣ дар ҷумҳурӣ ба МАҚОМИ 1-УМ ва дар бахши илмҳои гуманитарӣ ба мақоми 3-юм сарафроз гардид. Зеро, дар ин олимпиада дастаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ соҳиби се ҷойи 1-ум, ду ҷойи 2-юм, як ҷойи 3-юм ва як ҷойи ифтихорӣ гардид.

2. Дар Озмуни IV ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бароИ дарёфти «Ҷоми раёсати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», ки ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 бахшида шуда буд, донишҷӯйи факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Чутаев Бунёд сазовори ҶОЙИ ЯКУМ гардид.

3. Дар даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» соли ҷорӣ Холмуродова Шукрона магистранти факултети забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сазовори ҶОЙИ ЯКУМ гардид. Инчунин дар ин озмун Худойбердиева Сабрина донишҷӯи факултети педагогика аз рӯи номинатсияи эҷоди наср соҳиби ҷойи сеюм гардид. Агар соли қаблӣ донишгоҳ дар ин озмун соҳиби як ҷойи сеюм гардида бошад, пас дар соли ҷорӣ бар зами як ҷойи сеюм боз соҳиби як ҷойи якуми дигар гардид, ки ин дастоварди назаррас аст.

4. Имсол дар кишвар бори нахуст Озмуни ҷумҳуриявии “Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат” баргузор гардид. Дар даври ҷумҳуриявии ин озмун, ки дар миёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар баргузор гардид, магистри соли аввали факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ниёзов Дилшод сазовори ҶОЙИ ЯКУМ гардид.

Гузашта аз ин, аз рӯи натиҷаи баргузории даври ҷумҳуриявии озмуни “Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат” дар миёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар ҶОЙИ АВВАЛ қарор гирифт.

Албатта, боиси ифтихор аст, ки магистри Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ беҳтарин хонандаи асарҳои Пешвои миллат дар ҷумҳурӣ донистa шуду донишгоҳ мақоми аввалро касб намуд.

5. Ба хотири боз ҳам беҳтар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида мешавад. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамасола дар ин озмуни ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок менамояд. Хушбахтона имсол донишҷӯи соли 5-уми факултети географияи донишгоҳ Чутаев Бунёд ғолиби даври ниҳоӣ – ҶОЙИ ЯКУМ дар Озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" аз рӯи номинатсияи "География" гардид.

6. ПАЗИРУФТА ШУДАНИ МАҶАЛЛАҲОИ ДОНИШГОҲ ба феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи кишвар аз муҳимтарин дастовардҳои илмӣ мебошад. Дар ин замина, дар арафаи Рӯзи касбии омӯзгорон ва Рӯзи забони давлатӣ ду бахши маҷаллаи илмиии «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардиданд. Яъне, бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионӣ аз 1 октябри соли 2024 бахши илмҳои табиии маҷалла бо фарогирии илмҳои биология, химия, илмҳои заминшиносӣ (аз ҷумла география) ва бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ бори аввал ҳамчун маҷаллаҳои илмии тақризшаванда эътироф карда шуданд.

Ҳамчунин бо фармоиши дигар аз 25 октябри соли 2024 сеюмин маҷаллаи донишгоҳ – бахши илмҳои педагогӣ ва психологии “Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ” низ маҷаллаи илмии тақризшаванда эътироф шуд. Тавре ки дида мешавад, маҷаллаи илмии «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» (ISSN 2708-5759) ба феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардид.

7. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дастур доданд, ки ба хотири огоҳии беҳтари мардум аз таърихи фарҳанг ва тамаддуни аҷдодони хеш “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ нашр ва ба тамоми мардуми кишвар дастрас шавад.

Дар ин замина, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ талош ба харҷ дода шуд, то мунтахаби ин асари гаронарзиш омода ва рӯи чоп оварда шавад. Дар натиҷа бори нахуст миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ МУНТАХАБИ “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ мураттаб ва нашр шуд. Матни Мунтахаби “Шоҳнома” безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ бо кӯшиши устодони нахустмактаби олии кишвар омода гардида, ба чунин шакл бори нахуст пешниҳоди хонандагон гардида, ки барои хонандагон, донишҷӯён ва ҳаводорони “Шоҳнома”-и



Кенҷазод Фаридун – сармуҳаррири нашрияи “Омӯзгори ҷавон”-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Абулқосим Фирдавсӣ судбахш хоҳад буд.

8. Бори нахуст дар кишвар дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ “ДАСТУР ОИД БА МУАЙЯН КАРДАНИ САТҲИ ДОНИСТАНИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА РУСӢ” бо забони тоҷикӣ омода ва чоп гардид. Зеро, ҷиҳати муайян кардани сатҳи забондонии омӯзандагони забони хориҷӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ зарурати ба нашр расонидани дастур оид ба сатҳи донистани забонҳои англисӣ ва русӣ ва талабот ба маҳоратҳои гуфтор, хониш, фаҳмидан, навишт, грамматика ва таркиби луғавии забонҳои зикршуда мавҷуд мебошад.

Чопи дастури мазкур дар заминаи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 “Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ” сариваќтӣ ва зарурӣ мебошад.

9. Бори нахуст дар кишвар дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз Ҷумҳурии Мардумии Чин МАГИСТРОНИ ХИТОЙӢ ДАР РИШТАИ МАГИСТРАНТУРА ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Ин аз рушди ҳамкориҳои ҳасанаи донишгоҳ бо муаасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва эътирофи он дар кишвари ҳамсоя дарак медиҳад. Раванди мазкур рӯ ба афзоиш дошта, ба тақвияти ҳамкориҳо дар самти илм мусоидат хоҳад намуд.

10. Дигар дастоварди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар соли 2024 ин аст, ки донишҷӯён дар як қатор олимпиадаҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, соҳиби 17 ҷойи ифтихорӣ (соли 2023 11 ҷой), аз ҷумла 7 ҶОЙИ ЯКУМ (соли 2023 2 ҷой), 4 ҷойи 2-юм (соли 2023 2 ҷой) ва 6 ҷойи 3-юм (соли 2023 7 ҷой) гардиданд, ки ин дастовардҳо онҳо боиси ифтихори ин даргоҳи илму маърифат мебошанд. Бояд қайд намуд, ки ин нишондод нисбат ба соли қаблӣ 6 ҷой зиёд мебошад.

**ХУЛОСА**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳояшон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуда, пайваста таъкид менамоянд, ки раванди назорати азхудкунии донишҳои муосир пурзӯр карда шуда, насли ҷавон бояд ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Маҳз бо ин омил донишҷӯёни дастаи олимпии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таҳти назорат ва дастгирии ҳамешагии ректори донишгоҳ қарор дошта, аз ҷониби омӯзгорони ботаҷриба омода карда мешаванд.

Дар умум, қисми илми донишгоҳ бо дастгирӣ ва роҳнамоиҳои пайвастаи ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мӯҳтарам Аҳлиддин Ибодуллозода барои пешбурди корҳои илмию таҳқиқотии устодону муҳаққиқон ба таври доимӣ ҷаҳду талош менамоянд ва дар ин замина кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки сатҳу сифати нашрияҳои илмӣ беҳтар, иштироки донишҷӯёну муҳаққиқон дар озмунҳо ва шумораи мақолаву китобу дастурҳо бештар, сафи унвондорони илмӣ дучанд ва иқтидори илмии донишгоҳ баланд бардошта шавад.

*Гар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,*
*Устод аз наҷот баҳра диҳад.*

ҲАМКОРӢ

# БА РОҲ МОНДАНИ ҲАМКОРИҲО БО ДОНИШГОҲИ ШАҲРИ ПУАТЙЕИ ФАРОНСА

**Рӯзи 03.12.2025 ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо профессорон Лисия Багинӣ ва Эффросинӣ Лампру аз Донишгоҳи шаҳри Пуатйеи Ҷумҳурии Фаронса дар якҷоягӣ бо масъули бахши фарҳанги Сафорати Ҷумҳурии Фаронса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Жули-Офре Карю аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ боздид намуданд.**

Меҳмононро муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, профессор Қурбонзода Р., декани факултети забонҳои романӣ-германӣ, дотсент Исломзода Ч. ва мудири кафедраи забони фаронсавӣ, профессор С. Султонзода қабул карданд.

Нахуст, муовини ректори донишгоҳ меҳмононро ба донишгоҳ хушомадед гуфта, дар хусуси таърихи донишгоҳ, факултетҳо, ихтисосҳо ва хусусан ихтисоси забони фаронсавӣ ба меҳмонон маълумот дод. Профессорони донишгоҳи номбурда, ки омӯзгорони факултети забон ва хатти Донишгоҳи Пуатйе мебошанд, ҳангоми мулоқот дар навбати худ аз шароити мавҷудаи донишгоҳашон сухан карда, хоҳони бо донишгоҳи мо ҳамкорӣ карданро хостор шуданд.

Пас аз баррасии масъалаҳо ва рӯшан гардидани шароитҳои мавҷуда дар ҳар ду донишгоҳ ҷонибҳо ба қарор омаданд, ки дар оянда байни ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи Пуатйе созишномаи ҳамкорӣ баста шавад. То ин, ки омӯзгорону донишҷӯёни ихтисосҳои фаронсавӣ ба Донишгоҳи Пуатйе барои аз 2 ҳафта то як нимсола сафари омӯзишию илмӣ ва таҷрибаомӯзӣ анҷом дода тавонанд. Ҳамчунин омӯзгорону донишҷӯён ва магистрантони Донишгоҳи Пуатйе барои аз 2 ҳафта то як нимсола ба ДДОТ ба номи С.Айнӣ сафарбар гардида, дар факултети забон ва адабиёти рус таҳсил, таҷрибаомӯзӣ ва таҳқиқоти худро ба роҳ монда тавонанд.

Албатта, ҳадаф аз боздид ба роҳ мондани ҳамкориҳо, бастани созишнома байни донишгоҳҳо ва мубодилаи донишҷӯёну омӯзгорон мебошад.



КОНФЕРЕНСИЯ




# ИШТИРОКИ КОРМАНДИ ДОНИШГОҲ ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Ҳафтаи якуми моҳи декабр дар шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин конференсияи байналмилалӣ оид ба рушди таълими босифати забони чинӣ дар Осиёи Марказӣ баргузор гардидт.**

Дар кори он декани факултети филологияи тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Худойдодзода Фарух иштирок ва дар мавзуи "Вазъи омӯзиши забонҳои чинӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ" маърӯза намуданд.

Мавсуф дар суханронии хеш роҷеъ ба дурнамои ҳамкориҳои таҳсилоти олии касбии Чин дар раванди омӯзиши забонҳои чинӣ пешниҳодҳои мушаххас намуданд.

ТОЗАНАШР

# НАВИДИ ИЛМӢ: "ДАСТУР оид ба муайян кардани сатҳи донистани забонҳои англисӣ ва русӣ"




Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинзод Д.Ш. ва мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ, номзади илмҳои филологӣ, дотсен Комилов М.М. бори нахуст "ДАСТУР оид ба муайян кардани сатҳи донистани забонҳои англисӣ ва русӣ" омода ва чоп гардид.

Тағйиротҳои даҳсолаи охир дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин рушди муносибатҳои хориҷии кишвар дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти инсонӣ ба боло рафтани нақш ва аҳаммияти забондонӣ оварда расонид.

Аз ин лиҳоз, дар самти такмили таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забонҳои русӣ ва англисӣ дар кишвар аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдомоти муҳим роҳандозӣ шуда истодааст. Яке аз онҳо «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» буда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани барномаи мазкур дар саросари мамлакати азизамон бо ташаббуси Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳо дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва макотиби таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ амалӣ карда шуда истодаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, дар бахши фанҳои заминавӣ барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ 6-кредитӣ (144-соатӣ) дар семестри якум ва дуюм ҷудо гардидааст, ки омӯзиши он барои донишҷӯёни ҳамаи равияҳои ихтисосҳо ҳатмӣ мебошад.

Ҳамзамон, Вазорати маориф ва илм тасмим гирифтааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари забони давлатӣ таълими дарсҳоро бо забони русӣ ва англисӣ ба роҳ монад.

Гузашта аз ин, вобаста ба татбиқи барномаи мазкур ҳамсола дар бештари муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизҳои гирд, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ташкил ва баргузор карда мешаванд. Ҳамчунин бозомӯзии омӯзгорони забонҳои русӣ ва англисӣ ба таври маҷозӣ ва ҳузурӣ бо ҷалби соҳибзабонон доир мешавад.

Илова бар ҳамаи иқдомоти зикршуда Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, №795 "Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ" ба тасвиб расид. Дар фармони мазкур зикр гардидааст, ки аз 1-уми апрели соли 2024 кормандони давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ... 

ҶАЛАСА




# НАВИДИ ИЛМӢ: МУНТАХАБИ “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

**Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ном Садриддин Айнӣ бори нахуст миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар МУНТАХАБИ “ШОҲНОМА”-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ омода ва чоп гардид.**

Матни Мунтахаби “Шоҳнома”-и безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ бо кӯшиши устодони нахустмактаби олии кишвар - ҳайати мушовара: Ибодуллозода А.И., Сангинзод Д.Ш., Солеҳов Ш., Худойдодов А., Қурбонов А., таҳиягарони матн: Элбоев В. Шоев А. ва мусаҳҳеҳ: Юсупов Ш. омода гардида, ба чунин шакл бори нахуст пешниҳоди хонандагон мегардад.

Албатта, мунтахаби мазкур барои хонандагон, донишҷӯён ва ҳаводорони “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ судбахш хоҳад буд.

Бояд зикр намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Симпозиуми байналмилалӣ ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дастур доданд, ки ба хотири огоҳии бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни аҷдодони хеш “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ нашр ва ба тамоми мардуми кишвар дастрас шавад.

Дар ин замина, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ном Садриддин Айнӣ талош ба харҷ дода шуд, то чунин мунтахаби ин асари гаронарзиш омода ва рӯи чоп оварда шавад.

ДАСТОВАРД

## ОМӮЗГОРОНИ ДОНИШГОҲ ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "КИТОБИ СОЛ-2024" БО МУКОФОТ САРФАРОЗ ГАРДИДАНД



Рӯзи 24.12.2024 Озмуни ҷумҳуриявии “Китоби сол-2024” ҷамъбаст гардид, ки дар он китобҳои Дониёр Сангинзод “Пешвои миллат ва соли марифати ҳуқуқӣ” ва Қозиён Шариф “Нақши Пешвои миллат дар таҳкими ваҳдат” бо сипосномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мукофоти пулӣ сарфароз гардиданд.

## ҒОЛИБИЯТ ДАР ОЗМУН




Муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Сангинзод Дониёр Шомаҳмад дар озмуни ҳизбӣ бахшида ба 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз рӯи номинатсияи “Беҳтарин таблиғотчӣ” дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ғолиби ҷойи 2-юм гардида, дар вазъияти тантанавӣ бо ҷоиза ва туҳфаи хотиравӣ қадрдонӣ карда шуд.

## ИШҒОЛИ ҶОЙИ 1-УМ ДАР ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»

**Донишҷӯи соли 5-уми факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Чутаев Бунёд ғолиби даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" аз рӯи номинатсияи "География" гардид.**



Ӯ соли сеюм аст, ки дар озмуни мазкур иштирок менамояд ва соли равон бо кӯшишу заҳмати зиёд тавонист, ки пирӯзӣ ба даст орад. Вай аз рӯи номинатсияи “География” дар соли 2024 ғолиби ҷойи аввал ва соҳиби 35000 (сиву панҷ ҳазор) сомонӣ гардид.

Тавре ӯ дар мавриди ин озмун ба рӯзномангори “Ҷавонони Тоҷикистон” баён намуд: “Соли гузашта то даври ноҳиявӣ баромад кардам. Аз ин руҳафтода шудам ва ҳатто хеле гиря ҳам кардам, вале бо вуҷуди ин аз ҳамон рӯз назди худ мақсад гузоштам, ки соли дигар ҳатман ғолиби озмуни мазкур мешавам. Аз он вақт ба хондани адабиёти тавсияшаванда ва омодагии ҷиддӣ барои он шуруъ кардам. На шаб мегуфтам, на рӯз, доимо машғули омӯзиш будам. Барои озмуни мазкур 20 адабиёт мутолиа кардам. Хушбахтона, имсол дар чор даври он сазовори ҷойи аввал гардидам, ки шодиам ҳадду канор надорад”.

Бунёд дар муваффақиятҳои худ саҳми устодон ва волидонашро хеле бузург медонад. Чун онҳо ҳамеша кумак ва дастгириаш менамоянд.

Зимнан Бунёд зикр мекунад, ки "Ин ҷо аз саҳми устодам Шаҳноза Исматова ёдрас шудан мехоҳам, чун маҳз ин нафар маро ба озмун омода кард. Ҳар чизи бароям нофаҳморо шарҳ медоду маро аз ҳолати ногувор мебаровард. Ҳамчунин, аз волидонам, ки дар роҳи расидан ба ҳадафҳоям шароиту имкониятҳо муҳайё намуданд, бисёр миннатдорам".

*Қадри устод аз падар беш аст,*
*В-аз падар устод дар пеш аст.*

ТАҲЛИЛ

# АЗ ПАЁМ ТО ПАЁМ: 10 ДАСТОВАРДИ МУҲИМТАРИНИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 дар баробари баррасии дигар масъалаҳои ҳаётан муҳим таъкид намуданд, ки “Муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад”.**

Дар ҳақиқат маҳз илму фарҳанг аст, ки дар шароити муосир бо назардошти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии бесобиқаи равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ, давлату ҷомеа пешрафт менамояд ва дар умум, сатҳи маърифати шаҳрвандон дар ҳамаи самтҳо таъмин мешавад.

Нахустмактаби олии кишвар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чун яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфузтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар омода намудани муттахассисони баландихтисос дар рушди илму фарҳанг, маорифи мамлакат саҳми босазо дорад. Имрӯзҳо дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ва берун аз он ин даргоҳи муқаддас бо дастпарварони маъруф, анъанаҳои арзишманд ва бо дастовардҳои илмиву эҷодии худ боиси ифтихори миллати тоҷик гардидааст.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар фазои ҷаҳонишавии таҳсилот бо шариконии хориҷӣ доим дар робита буда, ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалиро барои рушди маориф муҳим арзёбӣ намуда, ҳоло бо беш аз 120 муассисаи хориҷи кишвар ҳамкориро дар сатҳи баланд ба роҳ мондааст.

Донишгоҳ дорои 11 бинои таълимӣ, 6 хобгоҳ барои омӯзгорону донишҷӯён, 14 факултет, 63 кафедра ва 89 ихтисос мебошад, ки 73-тои он ихтисоси омӯзгорӣ аст. Дар донишгоҳ дар умум 16500 ҳазор донишҷӯ аз рӯйи ихтисосҳои муқарраршуда таҳсил намуда истодаанд. Дар ин донишгоҳ ҳамчунин донишҷӯёни хориҷӣ аз 16 кишвари ҷаҳон таҳсили илм мекунанд, ки аз обурӯю нуфузи баланди он дар минтақа ва ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад. Теъдоди донишҷӯёни тариқи квотаи президентӣ таҳсилкунанда 1600 нафарро ташкил менамоянд, ки аз онҳо 936 нафар духтарон мебошанд.

Дар ин росто бояд иброз дошт, ки роҳбарияти муассиса дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи фаъолияти касбии худ қарор дода, аз Паёми соли гузашта то Паёми соли 2024 ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардидааст, ки фишурдаи онҳоро бо тартиби 10-гонаи беҳтарин инъикос менамоем:

1. 29 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ташриф оварда, бинои нави таълимии факултети забон ва адабиёти русро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Бинои тозабунёди таълимӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишгоҳ ба таври муосир сохта шуда, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат менамояд. Иншооти таълимӣ аз таҳхона ва 5 ошёна иборат буда, барои таҳсили зиёда аз 1100 донишҷӯ дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Тибқи лоиҳа бино дорои 8 ҳуҷраи корӣ, 14 синфхонаи барҳавои таълимӣ, кабинети лингафонӣ бо 32 ҷойи нишаст, маркази қабули имтиҳонҳо барои 120 нафар, толори фарҳангӣ бо 700 ҷой, осорхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад. Толори фарҳангӣ бо имконоти васеи баргузории чорабиниҳои илмию оммавӣ ва фарҳангӣ-фароғатӣ, гӯшаи табиати Тоҷикистон, осорхона бо фарогирии 3 давраи таърихӣ, аз ҷумла таърихи қадимаи тоҷикон, даврони қабл аз соҳибистиқлолӣ, замони Истиқлоли давлатӣ ва таърихи фаъолияти донишгоҳи мазкур дар ошёнаи якум ҷойгир шудааст.

2. Ифтитоҳи бинои 2 ошёнаи наву замонавии муҷаҳҳаз бо лавозимоти ҳозиразамони таҷрибаомӯзӣ дар дараи Ромит, дар Боғи “Агробиолабораторӣ”-и ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Даргоҳи нави таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз 60 рахти хоб, 15 синфхона, аз ҷумла як маҷлисгоҳ, 2 утоқи корӣ, китобхонаву толори барҳавои хониш, ҳуҷраҳои корӣ ва ёрирасон барои омӯзгорону мутахассисони илмҳои биология, химия ва география иборат мебошад. Толори маҷлисии иншооти тозабунёд дорои 120 ҷойи нишаст буда, барои гузаронидани ҳамоишу чорабиниҳои таҷрибаомӯзӣ мувофиқ мебошад. Бинои нав ҳамчунин дорои ошхона бо 60 ҷой нишаст буда, дар оянда баҳри таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва корҳои таҳқиқоти илмии омӯзгорон хидмат хоҳад кард.

3. Аз ҷониби Ассотсиатсияи таҳсилоти олии Чини Созмони ҳамкории Шанхай ва Маркази хизматрасонии Чин оид ба табодули байналмилалии илмии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин 89 ихтисоси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз аккредитатсияи байналмилалии донишгоҳӣ (Institutional accreditation) гузашт.

4. Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи грантӣ барои лоиҳаи “Такмили таҳсилоти миёна дар соҳаҳои илмҳои табиӣ, технологӣ, муҳандисӣ ва математика” байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд барои солҳои 2024-2029 тасдиқ гардид. Ҳадафи Лоиҳа таъмири хобгоҳи духтарон, навсозии лабараторияҳо, замонавӣ кардани таҷҳизотҳои илмӣ, пешниҳоди стипендияҳо ба донишҷӯдухтароне, ки аз рӯи ихтисосҳои фанҳои дақиқ (STEM) таҳсил мекунанд, стипендияҳои тадқиқотӣ ба занони омӯзгор, ташкили курсҳои ТИК, аз ҷумла омӯзондани забони англисӣ ба омӯзгорони фанҳои дақиқ мебошад. Маблағи умумии лоиҳа чил миллион доллари ИМА ($ 40 000 000) буда хароҷоти он барои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Коллеҷи омӯзгории шаҳри Душанбе ва 20 мактаби миёна пешбинӣ шудааст.

5. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар рейтинг (раддабандӣ)-и муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯйхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷойи аввалро соҳиб гардид. Чунин баҳогузориро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин вобаста ба таваҷҷуҳе, ки довталабони Чин нисбат ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доранд, ба инобат гирифтааст. Хабари дар ҷойи аввал қарор гирифтани донишгоҳро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар сомонаи расмиаш интишор намудааст.

6. Муассисаи “London School of Digital Business” Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба Садриддин Айниро барои саҳми арзанда дар самти илм ва маориф, фидокорӣ, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ ва эътирофи дастовардҳо ба “Ҷоизаи беҳтарин донишгоҳи навовар ва пешрафтаи соли 2023-и Муассисаи Лондон оид ба тиҷорати рақамӣ (LREA 2023)" сазовор донист. Ин аст, ки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба Садриддин Айнӣ аввалин шуда, дарсҳои видеоиро байни муассисаҳои кишвар ба роҳ монда, бо ин роҳ мавзуъҳои илмиро на фақат дастраси донишҷӯёну олимон балкӣ, дастрасӣ ҳамаи хоҳишмандону алоқамандон гардонидааст. Аз тарафи омӯзгорону муҳаққиқони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба Садриддин Айнӣ имрӯз зиёда аз 1200 дарсҳои видеоии илмӣ бо забонҳои гуногун аз қабили тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, ӯзбекӣ ва ғайра, ки фарогири садҳо фанҳои гуногуни омӯзишшавандаи донишгоҳ мебошанд, пешкаши ҳамагон гардонида шудааст. Таҷрибаи рақамикунонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд, ки аз тарафи муассисаҳои хориҷи кишвар аз қабили Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Халқии Чин ва Британияи Кабир баҳои баланд дода шуд.



**Мубирхони Мӯминпур – сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

7. Дар доираи ҳамкориҳои мавҷуда, дар соли 2024 ба хориҷи кишвар 52 нафар устодону донишҷӯён сафарбар гардиданд. Аз ҷумла: дар самти табодули таҷрибаи устодон ҷиҳати гузаштан аз такмили ихтисос – 11 нафар, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ – 22 нафар ва дар самти табодули академии донишҷӯён – 19 нафар мебошад. Ин сафарбаршавиҳо дар асоси ҳамкориҳо кишварҳои Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Корея, Федератсияи Россия, Франсия, Италия, Олмон ва ғайраҳоро фаро гирифтааст.

8. Татбиқ илм дар истеҳсолот. Парки технологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ яке аз паркҳои технологии пешсаф мебошад. Барои иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Сарвари давлат вобаста ба пайвасти илм бо истеҳсолот дар Парки технологии назди Донишгоҳ истеҳсоли мизу курсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, ошхона, роҳаткурсиҳо барои толорҳои маҷлисӣ, минбарҳо, ҷевон барои китоб, рахти хоб ва нашри шиору овезаҳо ба роҳ монда шудааст. Дар як сол барои синфхонаҳои донишгоҳ, литсей ва утоқҳои кории он дар маҷмуъ 1500 миз, 3000 курсӣ ва 100 минбар сохта, ба истифода додааст. Инчунин барои бинои нави таълимии 5 ошёнаи донишгоҳ таҷҳизотҳои таълимиро пурра омода намудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар заминаи баррасиҳои илмии Сарвари давлат роҳбарияти донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки дар соли 2025 дар назди Парки технологӣ маркази таъмири технологияи техникӣ, сехи истеҳсоли собун ва маҳсулот барои тоза кардан ва дезинфексия, типографияи ба талаботи замон ҷавобгӯ, корхонаи истеҳсоли шарбат, 12 гармхона ба истифода диҳад.

9. Бо мақсади ба роҳ мондани назорати ҳамаҷониба дар самти амалӣ намудани таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди ҳамаҷонибаи забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ, дар самти рушд ва инкишофи бисёрзабонӣ, дар донишгоҳ 2 маркази фарҳангӣ аз қабили “Маркази Чинӣ” ва “Маркази Кореягӣ” бунёд ёфта, ҳамзамон Маркази русӣ пурра ба талаботи замон ҷавобгӯ, таъмир ва бо технологияҳои навин муҷаҳҳаз гардонида шуд.

10. Дар партави сиёсати хирадмандона ва созандаи Певшои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ донишгоҳ фаъолияти густурдаи байналмилалиро пеш бурда, соли равон 16 – созишномаи ҳамкориро бо Донишгоҳи давлатии педагогии Термиз, Донишгоҳи давлатии Андиҷон, Донигоҳи давлатии Фарғона, Донишгоҳи давлатии Бухоро, Донишгоҳи ӯзбекӣ-финикии педагогии Самарқанд, Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи М. Улуғбек, Донишгоҳи давлатии Андиҷон ба номи М. Бобур, Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон, Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистону-Финландия, Донишгоҳи славянии Молдова, Донишгоҳи Сзинан, Донишкадаи иқтисод ва савдои Созмони Ҳамкории Шанхай, Донишгоҳи касбии Линий, Донишгоҳи касбии Заоҷуан, Донишгоҳи давлатии Полотск ба номи Е. Полотская ва Донишгоҳи давлатии Полес ба имзо расонидааст, ки ҳар яке аз ин созишномаҳои муҳим натиҷаи назаррас хоҳанд дод.

Ҳамаи ғамхориҳои маорифпарваронаи Сарвари давлат нисбат ба соҳаи маориф гувоҳи он аст, киояндаи дурахшони миллату давлат ба рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим вобаста мебошад. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ кардан ба маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад.

ЧОРАБИНӢ

# БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНӢ БАРОИ "ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ВА БЕГОНАПАРАСТӢ"

Санаи 3-уми декабри соли ҷорӣ дар толори маҷлисгоҳи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва талаботи "Консепсияи миллии тарбия", қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият дар бораи таълиму тарбияи кӯдак", "Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ", "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати ҷавонон", нақша-чорабинии донишгоҳ вобаста ба тарбия, ташаккул ва камолоти донишҷӯён, пешгирӣ аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ва аз равияҳои ба фарҳанги миллии мо бегона, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, риояи қонунҳо ва тартибу одоби ҳамидаи инсонӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои милливу фарҳангӣ ва тарғиби сару либоси миллӣ ва риояи пушидани либоси тавсиявии донишҷӯӣ дар мавзуи "Пешгирии ифротгароии динӣ ва бегонапарастӣ" чорабинӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ аҳли раёсат, омӯзгорон ва донишҷӯёни факултетҳои таърих ва ҳуқуқ, инчунин педагогика иштирок ва суханронӣ намуданд.

Сараввал, Ҷонмуродов Шамшод – муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети таърих ва ҳуқуқ чорабиниро оғоз бахшида, ҳозиринро барои иштирокашон хайрамақдам гуфт ва меҳмононро ба иштирокчиён муаррифӣ намуд.

Дар идома Сангинзод Дониёр – муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, Зикирзода Ҳобил – раиси иттифоқи касабаи устодону кормандони донишгоҳ, Солеҳзода Мадина – мушовири ректор, Қодирзода Сайвалӣ – ҳуқуқшиноси донишгоҳ, Ганҷакова Матлуба – муовини декан оид ба корҳои таълимии факултети таърих ва ҳуқуқ, Идизода Соҳибназар – муовини декан оид ба корҳои таълимии факултети педагогика ва Алланазаров Шараф – мудири шуъбаи тарбияи донишгоҳ бо маърӯзаҳои худ дар мавзуи "Пешгирии ифротгароии динӣ ва бегонапарастӣ" баромад намуданд.



ВОХӮРӢ

## ПЕШГИРӢ АЗ ШОМИЛШАВИИ ҶАВОНОН БА ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ НОМАТЛУБ



**Дар асоси нақшаи раёсати Донишгоҳ ҷиҳати пешгирӣ намудан аз шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб бо донишҷӯёни факултетҳои химия ва биология вохӯрии судманд баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ декани факултети химия Алимов Сироҷиддин, декани факултети биология Рауфов Раҳматулло, мудири кафедраи умумидонишгоҳии сиёсатшиносӣ Нуриддин Парвин, мудири бахши таъминоти ҳуқуқӣ Қодирзода Сайвалӣ, сармуҳаррири нашрияи "Омӯзгори ҷавон" Кенҷазод Фаридун, мудири бахши тарбия Алланазаров Шараф ва мудири шуъбаи кор бо ҷавонон Каримов Давлатшо иштирок ва суханронӣ намуданд.

Баромадкунандагон аз ҷумла зикр намуданд, ки аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд ва онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, ояндаи миллату давлат мебошанд. Тадбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа фаъол бошанд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолиро ҳифз кунанд, амнияти давлат, шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд. Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ва амнияти ҷаҳон ба ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст. Терроризм ва ифротгароӣ ин барангезандаи низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад, ки қурбони он дар ин ё он минтақа асосан ҷавонон мегарданд. Бинобар ҷавонон дар ҳар ҷое, ки бошанд, бояд ҳисси баланди миллӣ ба Ватан, миллат, давлати соҳибистиқлоли худ дошта бошанду аз забону фарҳанги миллии хеш ифтихор намоянд ва барои ҳимояи онҳо ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошанд.

## МИЗИ МУДАВВАР: ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ПЕШГИРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН



**Тибқи нақшачорабинии тасдиқнамудаи раёсати донишгоҳ 16-уми декабри соли 2024 дар факултети математика ва информатика мизи мудаввар дар мавзуи "Заминаҳои ҳуқуқии пешгирии терроризм ва экстремизм дар Тоҷикистон" баргузор гардид.**

Дар он муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинзод Дониёр ҳамчун коршиноси соҳа суханронӣ намуд. Зимни суҳбат доир ба пайдоиши таърихии терроризм, заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои фалокатбори он дар замони муосир андешаронӣ карда, таъкид намуданд, ки дар ҷаҳони пур аз ҳаводису тазодҳои геополитикӣ ва бархурди тамаддунҳо моро зарур аст, ҳарчи бештар зираку ҳушёр, дорои идеологияи мустаҳками миллӣ ва худшиносии миллӣ бошем.

Ҳамзамон доир ба моҳияту мазмуни як қатор моддаҳои дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои амалкунанда роҷеъ ба терроризм баромад ироа шуд.

КӮМАК

# КӮМАКҲОИ МОДДӢ БА КОРМАНДОНИ ҚИСМИ ХОҶАГӢ

Бо дастури ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода бо мақсади дастгирӣ ба 160 нафар кормандони қисми хоҷагидорӣ кӯмакҳои моддӣ аз қабили орд, равған, картошка, пиёз, макарон ва шакар расонида шуд.



ДАСТГИРӢ



# ТУҲФАИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ БА СОБИҚАДОРОН

**Дар остонаи таҷлили Соли нави мелодӣ туҳфаҳои ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода аз қабили кумаки молӣ ва маҳсулоти хӯроквории ба омӯзгорони собиқадори донишгоҳ Саидахтам Давлатов, Назарзода Нурахмад, Пиров Раҳмон, Ҳомидов Баҳриддин, Ҳасанов Бобоҷон, Шерматов Муҳибулло, Давлатов Абуалим тақдим карда шуданд.**

# МАВОДИ ҒИЗОӢ ВА ХОНИ ИДОНАИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ БА МАКТАБ-ИНТЕРНАТИ КӮДАКОНИ ЯТИМИ ҶАМОАТИ ДЕҲОТИ САРИЧАШМАИ НОҲИЯИ ШАМСИДДИНИ ШОҲИН











# КӮМАКҲОИ МОДДИИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ БА БОШАНДАГОНИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ “ХОНА-ИНТЕРНАТИ БЕМОРОНИ РӮҲИИ Н. ВОСЕЪ” ДАР ОСТОНАИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДӢ





ҲИСОБОТ

# ҲИСОБОТИ ШУРОҲОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ ДОНИШГОҲ ШУНИДА ШУД



**4-уми декабри соли 2024 тибқи ҷадвали баргузории рӯзҳои ҳисоботдиҳии шуроҳои диссертатсионӣ, ки аз ҷониби роҳбарияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷаласаи шуроҳои диссертатсионии 6D.КОА-047, 6D.КОА-058, 6D.КОА-068, 6D.КОА-069, 6D.КОА-071, 6D.КОА-074 оид ба ҳисоботи солонаи шуроҳо дар соли 2024 бо иштироки намояндагони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маъруфӣ Расул Нурмуҳаммад – саркотиби илмии Комиссия, Ализода Ҳокимхон Сафолиён – мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, Гулзода Аҳлиддин – мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, Убайдуллозода Азиза Зувайдулло – мутахассиси шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, Салоҳиддини Сафарзод – мутахассиси шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, Сангинзод Дониёр Шомаҳмад – муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, аъзоҳои шурои диссертатсионӣ, деканҳо ва мудирони кафедраҳо баргузор гардид.**

Ҷаласаро муовини ректор оид ба корҳои илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинзод Донёр Шомаҳмад оғоз намуда, намояндагони Комиссия ва меҳмононро ҷиҳати ташрифашон ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хайрамақдам намуданд.

Дар идомаи суҳбат раисони шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳ аз рӯйи ҷадвали тасдиқшуда, бо навбат доир ба фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ гузоришҳои муфассал пешниҳод намуданд.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки баъди баромади раисони шуроҳои диссертатсионӣ намояндагони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маъруфӣ Расул Нурмуҳаммад – саркотиби илмии Комиссия, Ализода Ҳокимхон Сафолиён – мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ доир ба самти тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва дар истеҳсолот истифода бурдани натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯёну докторантон ва мутахассисони кадрҳои илмӣ махсусан, ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро дар ин самт муҳим шумориданд.

Дар охир ҳисоботи шуроҳои диссертатсионии назди Донишгоҳро қаноатбахш арзёбӣ намуда, қайд карданд, ки ҳамкориҳоро дар самти омода кардани кадрҳои илмӣ тақвият мебахшем.

ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶА

# МУАРРИФИИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАҲСИЛ ДАР ФАРОНСА ВА ДИГАР КИШВАРҲОИ АВРУПО

**Рӯзи 5-уми декабри соли 2024 масъули бахши “Кампус Франс” (Campus France)-и Маркази фарҳангии “Бохтар” Александр Иду ба ДДОТ ба номи С. Айнӣ ташриф оварда, бо донишҷӯёни факултети забонҳои романӣ-германӣ, ихтисосҳои забони фаронсавӣ дар хусуси таҳсил дар зинаи магистратура дар донишгоҳҳои Фаронса ва дигар кишварҳои фаронсавизабони Аврупо суҳбат намуд.**

Меҳмонро муовини ректор оид ба корҳои хориҷии донишгоҳ Қурбонзода Рухшона қабул ва ба факултети забонҳои романӣ-германӣ роҳнамоӣ намуданд.

Дар факултети забонҳои романӣ-германӣ декан Исломзода Ҷ. ва мудири кафедраи забони фаронсавӣ Султонзода С. меҳмонро дар толори Шурои олимони факултет пазирой карданд.

Меҳмон бо истифода аз тахтаи электронӣ ва рӯнамой тамоми бурсияҳо ва роҳҳои ба даст овардани онҳоро барои таҳсил кардан дар зинаи магистратура дар Фаронса ба донишҷӯён маълумоти муфид пешниҳод намуд. Аз ҷумла, дар хусуси бурсияи Эйфел ва Эрасмус бештар таваққуф намуда, ба қавли номбурда бурсияҳои мазкур дар давоми як сол ба як нафар магистрант аз 10 то 11 ҳазор евро маош медиҳанд, ки дар як моҳ тақрибан ба 800 евро рост омада, имконияти дар шаҳрҳои Фаронса ва Аврупо зиндагӣ карданро медиҳад.

Донишҷӯён дар хошияи баромади меҳмон ба вай саволҳо дода, ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд. Дар ҷорабинӣ асосан донишҷӯёни курсҳои болой, инчунин омӯзгорони забони фаронсавӣ иштирок намуданд.

Дар охир муовини ректор оид ба корҳои хориҷӣ Қурбонзода Р. ба меҳмон изҳори миннатдорӣ карда, ба вай ҳамчун рамзи эҳтиром китоб туҳфа намуд.



ТАКМИЛИ ИХТИСОС

# БАРГУЗОРИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ДАР ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН



Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки Рӯзи дониш санаи 1 сентябри соли 2024 баён намуданд, мунтазам корҳоро роҳандозӣ намуда, курсҳои такмили ихтисосро аз рӯи равияи педагогика, психология ва методикаи таълим барои устодон ва кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур амалӣ намуда истодааст.

Зимни боздид аз рафти баргузории дарсҳои такмили ихтисос, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳмонзода З.Ф. оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳтар намудани сифати таҳсилот, дар навбати аввал, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои омӯзгорӣ ва мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ суханронӣ намуда, баргузории онро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуд.

Ҳамзамон қайд намудан лозим аст, ки тибқи нақшаи таълимӣ фанҳои зерин роҳандозӣ гардид:

1. Методология ва методҳои таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ аз ҷониби д.и.п., профессор Нурзода Абдулбоқӣ;
2. Асосҳои педагогика ва психологияи мактаби олӣ аз ҷониби н.и.п., дотсент Саидов Н.Т.;
3. Имлои забони давлатӣ ва маданияти суханварӣ аз ҷониби и.в дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Гулзода Н. дар сатҳи баланд бо истифода аз технологияи муосир ва методҳои фаъоли таълим.

*Бо ҷаҳл бубаста дасту фарёд кунем,*
*Мушкил пайи мушкилот эҷод кунем.*

**БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**

# НАҚШИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ КАМОЛОТ ВА РУШДИ МАЪНАВИИ ҶАВОНОН

**Ҳизби мо дар замоне, ки хатари пароканда шудани миллат ва ҳамчун давлат аз байн рафтани Тоҷикистони тозаистиқлол ба воқеияти рӯз табдил ёфта буд, дар назди миллат ва Ватан, дар назди наслҳои имрӯзу оянда масъулияти бузурги таърихиро ба дӯши худ гирифт. Воқеан, хизмати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон на танҳо дар ташаккулдиҳии давлати муосири тоҷикон, балки дар бартарафсозии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба даст овардани ризоияти миллӣ хеле созгор аст.**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**




Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон яке аз ҳизбҳои сиёсии пешсаф ва пешоҳанг дар ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор рафта, дар сафҳои худ ҳамаи қишрҳои ҷомеаро, ки ҳадафҳои оинномавӣ ва барномавии ҳизбро дастгирӣ мекунанд муттаҳид кардааст. Табиист, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи даврони соҳибистиқлолӣ буда, аз умқи халқ сарчашма мегирад ва ҳадафи аслии ин ҳизби сиёсӣ бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ва ба мерос гузоштани як давлати обод ва зиндагии осоишта ба наслҳои оянда мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар эъмори давлати демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон, ҳифзи истиқлолият ва дастовардҳои он, фароҳам овардани саодати халқ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ва ҳамватанон пайваста талош дорад, ки Тоҷикистонро ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, дар асоси консепсияи сиёсати хориҷии давлат усули баробарӣ, дӯстӣ, тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи иқтисодиро бо ҳама кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монад ва минбаъд низ ин сиёсатро дастгирӣ ва идома диҳад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон маҳсули иродаи қавӣ, нияти нек, хиради воло, дурандешӣ, мақому манзалати хоссаи фарзанди фарзонаи миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, бо сабку усули қиёснопазир ба саҳнаи сиёсат омадааст. Дар ин муддат аз рӯйи меъёри бо мардум, байни мардум ва барои мардум амал намуда, тахти шиори “Барои рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум” дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатдории навини тоҷикон нақши муассир мегузорад. Мо ҳамагон шоҳид ҳастем, ки Раиси муаззами ҳизбамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо иброз доштаанд, мақсади асосӣ аз созмон додани ин ҳизб сарҷамъу муттаҳид кардани миллати тоҷик ва тамоми нерӯҳои созандаву солимфикри ҷомеа, баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарварии мардуми кишвар аст, ки ба хотири барпо намудани давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, аз лиҳози иқтисодиву иҷтимоӣ пешрафта ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба ҳар як шаҳрванди мамлакат талош меварзанд.

Маврид ба зикри хос аст, ки роҳбарияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба ҷавонон ҳамчун ба нерӯи ояндасози давлати соҳибистиқлол эътимод дошта, ба хотири аз байн бурдани мушкилоти онҳо пайваста чораҳои мушаххас меандешад. Махсусан, барои паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, дастрасӣ ба таҳсилот, ҷалби ҷавонон барои фаъолият дар сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла дар вазифаҳои масъули роҳбарӣ, инчунин дар мақомоти намояндагӣ ва бо ҳамин роҳ ташаккул додани қобилияти сарварӣ дар миёни онҳо чораҳои муассирро амалӣ гардонида истодааст. Ҷиҳати рушди қобилияти зеҳнии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии фаъолияти эҷодии онҳо ва муттаҳид сохтани ҷавонон дар татбиқи барномаҳои инноватсионӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Ҳамин буд, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мақоми ҳизби роҳбарикунандаро дар ҷомеа тавассути фаъолияти пурсамар, талоши ҳифзу татбиқи манфиатҳои бунёдии мардуми ин сарзамин дар шароити тақдирсози таърихӣ, ки ҷасорату матонати бемислро тақозо мекарданд, ба даст овард. Боиси ифтихори мост, ки Сарвари муаззами ҳизбамон дар лаҳзаҳои хеле ҳассосу тақдирсози таърихӣ масъулияти бузурги таҳкими пойдевори низоми нави давлатдориро ба дӯши худ гирифта, бо ташаббуси қабули қарорҳои қатъӣ ва раҳнамоии мардум барои татбиқи онҳо кишварамонро дар як муддати аз фарози фурсати таърихӣ кӯтоҳтарин ба суботи комил оварда расониданд.

Дар ин радиф имрӯзҳо мо ҳизбиёнро вазъи ноустувори сиёсии ҷаҳон водор месозад, ки беш аз ҳарвақти дигар барои таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ кӯшиш намоем. Нагузорем, ки ягон гурӯҳ ё афроди нотавонбин суботи сиёсии ҷомеаро халалдор намояд. Дар ин самт ташкилотҳои ҳизбӣ бояд бештар бо мардум корҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳӣ доир намоянд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани ҳизб зикр доштанд: “Фаъолияти таблиғотӣ бояд ҳамчун мактаби тақвияти фарҳанги сиёсии мардум барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва сарҷамъии ҷомеа хизмат намояд. Рисолати мо, ҳизбиён аз он иборат аст, ки ба истиқболи мардум равем, сухани онҳоро шунавем ва масъалаву мушкилоти мавҷударо дар доираи имкониятҳоямон ҳаллу фасл намоем. Яъне мо бояд бо ғояҳои созандаву ободгаронаи худ ба дили мардум роҳ ёбем ва нуфуз пайдо кунем. Ҳар як узви ҳизби мо бояд ба ҳадафҳои пешгирифтаи он эътимоди қавӣ дошта, дар ҳама ҳолат ба кори ҳизб ва ғояҳои созандаи он содиқу устувор боқӣ монад”.

Дар росто мо бо боварии том гуфта метавонем, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо дастгирии мардуми шарифи кишвар, таҳти сарварии хирадмандонаи Раиси ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо татбиқи ҳадафҳои барномавии хеш ноил гардида, кишвар ва мардуми шарафманди Тоҷикистонро ба сӯйи арзишмандтарин хостаҳои миллӣ зери шиори “Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!”, аз ҷумла рушди таҳаввули иқтисодиёт, татбиқи чор ҳадафи тақдирсози стратегии давлат – истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонӣ, ки ниҳояти он расидан ба зиндагии шоиста мебошад, роҳнамоӣ мекунад. Мардуми шарафманди кишвар ба ғояҳои созандаи ҳизб эътимоди қавӣ доранд, зеро он дар сафи пеши созандагию бунёдкорӣ ва ташаббускориҳо қарор дорад, ки барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини зиндагии шоистаи мардум равона гардидааст.

Дар ҳаёти иҷтимоии ҳизбиён соли 2024 ҳамчун соли сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ифода гардида, барои аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон соли таърихӣ ва муаррифии дастовардҳо мебошад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки зодаи тафаккури Пешвои муаззами миллат аст ва бо назардошти афкору андешаҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа таъсис ёфтааст, тавонист дар марҳилаи хеле кӯтоҳи таърихӣ ҳамчун ҳизби меҳварӣ орзую ормонҳои мардумро дар худ таҷассум кунад ва ба ҳизби умумимиллӣ табдил гардад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тайи 30 соли сипаришуда садоқати худро ба арзишҳои умумимиллии истиқлолу озодӣ, демократия, волоияти қонун ва баробарҳуқуқӣ собит намуда, то ба имрӯз барои пешрафти ҳамаҷонибаи Тоҷикистон тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ гардонида истодааст.

Умедворем, ки ҳизбиён бо дарки баланди масъулият, эҳсоси худшиносӣ ва расидан ба қадри муҳимтарин дастоварди миллати тоҷик истиқлолу озодӣ фаъолияти созандаву бунёдкоронаи худро дар партави сиёсати оқилона ва дурандешонаи Пешвои муаззами миллат, Раиси ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон густариш бахшида, ҷашни муқаддасу таърихии 35-солагии истиқлоли давлатиро бо меҳнати арзанда ва дастовардҳои назаррас таҷлил менамоянд.

30-соли устуворӣ ва дар паҳлӯи халқ будани Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муборак бошад, ҳамсафони азиз.

**Давлатшо Каримзода – аъзои ҲХДТ, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон**

ТАҲЛИЛ

# ПАЁМ ВА ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар ҷаҳони муосир рушди бемайлони ҳама соҳаҳои ҳаётан муҳимро бе қувваи барқ наметавон тасаввур намуд. Бо назардошти ин дар ҷаҳон торафт талабот ба қувваи барқ, махсусан барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза меафзояд. Дар ин самт танҳо давлатҳое метавонанд соҳиби дастовардҳои муайян шаванд, ки имконияти илмӣ ва шароити мусоиди табииро дошта бошанд.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин қатор бо ба назар гирифтани шароити табии хуб, дорои афзалиятҳои бештар мебошад. Шароити табии Тоҷикистон имкон додааст, ки кишвар дар минтақа ва ҷаҳон ба яке аз давлатҳои асосии истеҳсолкунандаи энергия, ба хусус «энергияи сабз» табдил ёбад. Айни замон Тоҷикистон дар ин самт аз рӯи радабандии ҷаҳонӣ ҷойи шашумро ишғол мекунад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 98 фоизи нерӯи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз нерӯи об истеҳсол мегардад.

Ҳанӯз 9 сол муқаддам, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала ишора намуда таъкид доштанд, ки: «Ҳукумати мамлакат захираҳои гидроэнергетикиро сарвати миллӣ мешуморад. Бинобар ин, мо рушди соҳаи энергетикаи обиро ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ муайян карда, дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ таъмиру навсозӣ ва сохтмони иншооти энергетикиро идома медиҳем».

Бояд қайд намуд, ки иқтидори истеҳсолии захираҳои энергетикии мамлакат зиёда аз 527 миллиард киловатт-соатро ташкил медиҳад. Тавре ишора намудем ин захираҳои сарвати бебаҳои миллӣ буда, истифодаи он аз ҳар шаҳрванди Тоҷикистон масъулияти баландро талаб мекунад.

Бо ин мақсад, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ расидан ба истиқлолияти энергетикиро роҳбари давлат яке аз ҳадафҳои стратегии давлат қарор дода, барои расидан ба ин ҳадаф як қатор иқдомҳои наҷиберо дар соҳа пиёда намуданд. Ҳамин буд, ки дар мамлакат дар натиҷаи амалӣ намудани як қатор барномаю нақшаҳои муайян марҳила ба марҳила нуқсу камбудиҳои соҳа, ки тӯли солҳои зиёд домангири ҷомеа буд, бартараф гардид.

Воқеан, дар давоми даҳсолаҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо сабабҳои гуногун мушкилоти норасоии барқ пайваста эҳсос мешуд. Махсусан дар давраи тирамоҳ ва зимистон норасоии шадиди барқ ба миён меомад. Баъзан солҳо кор то дараҷае мерасид, ки дар фасли сармо мардум ҳамагӣ ду ё се соат барқ мегирифтанду халос. Дар баъзе маҳалҳо, ҳатто мардум дар давоми рӯз умуман бе барқ мемонданд. Бинобар навиштаи Пешвои миллат муассисаҳои барои мардум хело зарур, аз ҷумла мактабу беморхонаҳо ва корхонаҳои саноатӣ аз кор монда буданд. Ин ҳолат хоҳ нохоҳ ба шароити зиндагии мардум, рушди иқтисод ва ҳалли қазияҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонид.

Бунёди нерӯгоҳҳои барқӣ ба монандӣ “Сангтӯда – 1” (бо иқтидори 680 мегаватт), “Сангтӯда – 2” (220 мегаватт), ду агрегати НБО “Роғун”, зиёда аз 270 нуругоҳҳои хурду миёнаи барқӣ, марказҳои барқу гармидӣ дар шаҳри Душанбе ва садҳои иншоотҳои дигари соҳа дар самти некуаҳолии мардум нақши мусбӣ гузошт.

*(Идома дар саҳ. 16)*

ОМӮЗИШ

# БАРГУЗОРИИ МАШҚҲОИ ТАКТИКӢ-ОТАШНИШОНӢ

**Рӯзи 03.12.2024 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо мақсади пешгирӣ ва риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор дар якҷоягӣ бо Сарраёсати хадамоти давлатии оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бинои таълимии 5-ошёнаи донишгоҳ барои кормандон ва омӯзгорон машқҳои тактикӣ-оташнишонӣ баргузор карда шуд.**

Дар ибтидо аз ҷониби мутахассисон ва шахсони масъул ба кормандону омӯзгорон омилҳои сар задани сӯхтор, пешгирии дурусти он, риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор ва тарзи дуруст истифода намудани асбобҳои сӯхторхомӯшкунӣ омӯзонида шуд.

Сипас, барои баланд бардоштани маҳорати касбӣ аз ҷониби кормандон ва омӯзгорон ба таври амалӣ роҳҳои дурусти наҷот додан ва кумаки аввалия расонидан ба зарардидагони сӯхтор иҷро карда шуд.



ОММАВИЯТИ ВАРЗИШ



# ВАРЗИШ – ҚОСИДИ СУЛҲУ ДӮСТӢ АСТ

Субҳи барвақти 7-уми декабри соли 2024 дар партави сиёсати варзишпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Аҳлиддин Ибодуллозода баҳри таҳкими тарзи ҳаёти солим, рушди инкишофи соҳаи варзиш ва оммавияти он миёни ҷавонон бо иштироки кормандони шуъбаи кор бо ҷавонон ва донишҷӯдухтарони хобгоҳи №2 ва №3 дар майдони боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи Аҳмади Дониш машқи пагоҳирӯзӣ ва солимгардонӣ таҳти унвони “Зебоӣ, тавоноӣ ва доноӣ аз варзиш аст!” баргузор гардид.

# ПАЁМ ВА ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*(Аввалаш дар саҳ. 15)*

**Дар Паёми имсола (28 декабри соли 2024) низ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи энергетика таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид доштанд, ки бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди «энергияи сабз» мунтазам чораҷӯӣ карда истодааст.**

Вазъи соҳа дар шароити имрӯза бо маром дар ҳоли такмил ва рушд қарор дорад. Мутахассисони соҳаи энергетикаи кишвар дар ҳамкорӣ бо баъзе ширкатҳои хориҷӣ барои тавлиди бештари неруи барқ шабонарӯзӣ талош доранд. Аз рӯи маълумоте, ки дар паём ироа гардид айни замон корҳои таҷдиду азнавсозӣ дар неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 6 миллиарду 900 миллион сомонӣ ва сохтмони неругоҳи «Себзор» ба маблағи 700 миллион сомонӣ идома доранд.

Зикри ин нукта ба маврид аст, ки дар мамлакат аз замони Шуравӣ чанде аз неругоҳҳо то ҳанӯз фаъоланд. Бо гузашти вақти бештар аксари дастгоҳҳои чунин неругоҳҳо фарсуда шуда хатари ах кор мондани неругоҳҳоро пеш оваранд. Барои рафъи чунин мушкилӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиду азнавсозии чунин неругоҳҳоро яке аз мақсадҳои худ қарор додааст. Давоми солҳои гузашта таҷҳизоту дастгоҳҳои фарсудаи ингуна неругоҳҳо азнавсозӣ шуданд. Ин иқдом то ҳанӯз идома дошта, айни замон ду агрегати неругоҳи «Норак» ва се агрегати неругоҳи «Қайроққум» пурра навсозӣ карда шудааст.

Роҳбари давлат дар паём қайд намуданд, ки соли 2025 таҷдиду навсозии боз се агрегати дигар дар неругоҳи «Қайроқум» идома ёфта бо ин иқтидори он иловатан 24 мегаватт зиёд гардида, ба 174 мегаватт мерасад.

Инчунин, як агрегати дигар дар неругоҳи «Норак» таҷдид шуда, иқтидори он 40 мегаватт зиёд мегардад ва сохтмони неругоҳи «Себзор» бо тавонои 11 мегаватт ба анҷом расонида мешавад.

Аз рӯи нишондоди паём дар назар аст, ки соли 2025 дар қаламрави вилояти Суғд сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иктидори 200 мегаватт оғоз мегардад. Албатта ин тадбир низ дар шароити Тоҷикистони офтоби хело амри зарурӣ ва муфид арзёбӣ мегардад. Агар дар солҳои минбаъда чунин иқдомҳо дар дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат амалӣ шавад аз ҳар ҷиҳати ба суди мардум ва давлати мо мебошад.

**Тавре, ки ба ҳамагон маълум аст сохтмони НБО “Роғун” дар таърихи даврони соҳибистиқлолии ватани мо яке аз иншоотҳои асосии аср ба шумор меравад. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша барои сари вақт ва бо сифати баланд сохтани ин иншооти ҳаётан муҳим бевосита таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Дар паёми навбати низ доир ба аҳамияти неругоҳ сухан гуфта иброз доштанд, ки «Имрӯзҳо бунёди неругоҳи барқи обии «Роғун» бо суръати баланд идома дошта, дар ду соли охир ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 9 миллиард сомонӣ харҷ гардидааст. То имрӯз беш аз 50 фоизи корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд».**

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сари вақт маблағгузорӣ намудани сохтмони ин иншооти стратегӣ мунтазам чораҷӯӣ карда истодааст. Дар баробари ин, бо талошҳои бевоситаи Президенти мамлакат як қатор ширкату ташкилотҳои молиявию сохтмонӣ барои рушди соҳаи энергетика ҷалб шудаанд. Ин нуктаро Пешвои миллат дар паём чунин баён намуданд: «Дар ин ҷода бо як қатор созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд ҳамкориҳои судманд ҷиҳати ҷалби маблағҳои имтиёзнок дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ (ё 3 миллиард доллар), аз ҷумла 12,5 миллиард сомонӣ грант (ё 1 миллиарду 150 миллион доллар) идома доранд.

То имрӯз созишномаҳои маблағгузории иншооти неругоҳ бо 6 созмон дар ҳаҷми умумии 10 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 3,8 миллиард сомонӣ грант ба имзо расонида шуда, соли 2025 маблағгузорӣ аз ҷониби онҳо оғоз мегардад.

Аз ҷумла 17-уми декабри соли ҷорӣ Шӯрои директорони Бонки Умумиҷаҳонӣ дар хусуси дар марҳалаи аввал ҷудо намудани 3,8 миллиард сомонӣ грант барои сохтмони неругоҳи «Роғун» қарор қабул кард».



**Маҳмудов Давлатшоҳ – мудири бахши таҳлил ва робита бо ҷомеаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**Албатта, шароити мусоид ва амнияти сартосари яке аз омилҳои ҷалби сармояи хориҷӣ шуда метавонад. Таи солҳои соҳибистиқлолӣ, махсусан 15 соли охир як қатор ташкилотҳои молиявии хориҷӣ дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла соҳаи энергетика бо Тоҷикистон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондаанд. Доир ба ин масъала Роҳбари давлат чунин ибрози назар намуданд: «...аз ҷониби Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ дар ҳаҷми 2,9 миллиард сомонӣ, Бонки исломии рушд 1,6 миллиард сомонӣ, Фонди Саудии рушд 1,1 миллиард сомонӣ, Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ 272 миллион сомонӣ ва Фонди Кувайтии рушди иқтисодии арабӣ 180 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо гардидаанд».**

Пайки шодие, ки дар паём садо дод, ин расидан ба истиқлолияти энергетикӣ дар соли 2027 буд. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки мушкилоти меъёри барқ ба аҳолӣ дар давраи фасли тирамоҳу зимистон қайд намуданд, ки ҳама мушкилотро мо хуб эҳсос мекунем, аммо ин рузҳо ҳам аз сари мо мегузаранду дар соли 2027 онро ба таърих месупорем.

Имрӯз ҳар як шаҳрванди Тоҷикистонро зарур аст, ки дар самти маданияти истифодаи неруи барқ дастурҳои муқарраршударо пурра риоя намоем то ба ин васила тавонем дар таъмини ҳадафҳои Ватани хеш саҳми муайяни худро гузошта бошем.



Омӯзгори ҷавон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
АҲЛИДДИН ИБОДУЛЛОЗОДА,
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Наҳтулло Айнуллозода, Дониёр Сангинзод, Рухшона Қурбонзода, Нигора Назарзода, Исмоил Исроилов
САРМУҲАРРИР:
ФАРИДУН КЕНҶАЗОД
Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Суроғаи мо: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Нашрия дар чопхонаи «Мега-Принт» ба табъ расидааст.
Телефон: 224-55-06

Нашрия тахти рақами 495 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Шакли электронии "Омӯзгори ҷавон" дар сомонаи расмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, инчунин дар саҳифаҳои расмии донишгоҳ ва нашрия дар шабакаи иҷтимоии "Фейсбук" ҷойгир карда мешавад.

Адади нашр: 50 нусха